# ТАҚРИЗИ

ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ)

Унвонҷӯй Қурбонзода Навбаҳор Қурбон мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки дар шароити муосир бениҳоят муҳим ва мубрам буда, таҳқиқи масъалаи мазкур дар заминаи тағйирёбии босуръати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иттилоотию коммуникатсионӣ, густариши раванди ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таъсири иттилоотии манфӣ ба шуур ва ахлоқу маънавиёти насли наврас аҳамияти хоса пайдо мекунад. Сифатҳои маънавию ахлоқӣ ҳамчун асоси муҳими шахсияти комил, ҷомеаи устувор ва давлати мустақил ба ҳисоб рафта, ташаккули онҳо дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ заминаи мустаҳками тарбияи насли ояндаро фароҳам меорад.

Мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ" дар шароити муосир аҳамияти хосаро касб мекунад. Сабабҳои мубрамияти онро метавон дар чанд ҷанбаи зерин пайдо кард:

- дар ҷаҳони имрӯза, ки равобити байнифарҳангӣ рӯз аз рӯз афзоиш меёбад, донишҷӯён на танҳо бояд донишҳои касбӣ ва забонӣ дошта бошанд, балки бо арзишҳои баланди инсонӣ, ахлоқи ҳамида ва қобилияти муоширати созанда бо намояндагони фарҳангҳои гуногун муҷаҳҳаз бошанд. Забони англисӣ ҳамчун забони байналмилалӣ воситаи муҳими ин раванд мегардад;
- донишҷӯён дар муҳити иттилоотии пурғавғо қарор доранд, ки дар он на танҳо иттилооти муфид, балки падидаҳои манфӣ, аз қабили зӯроварӣ, бегонапарастӣ ва беахлоқӣ низ паҳн мегарданд. Аз ин рӯ, ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, қобилияти фарқ кардани нек аз бад ва интихоби роҳи дуруст дар ҳаёт, аз аҳамияти ҳалкунанда бархурдор аст. Дарсҳои забони англисӣ метавонанд муҳити муносибе барои муҳокимаи ин масъалаҳо ва таҳкими арзишҳои мусбат бошанд;
- забон на танҳо воситаи муошират, балки инъикоскунандаи фарҳанг, анъанаҳо ва арзишҳои як миллат аст. Омӯзиши забони англисӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён бо фарҳангҳои дигар ошно шаванд, аммо дар баробари ин, муҳим аст, ки онҳо арзишҳои миллии худро ҳифз намуда, дар заминаи муқоиса ва таҳлил, ҷаҳонбинии ахлоқии худро ташаккул диҳанд.

Ин раванд бояд дар доираи дарсҳои забони англисӣ ба таври муназзам ва мақсаднок амалӣ гардад;

- корфармоёни муосир на танҳо донишҳои касбӣ, балки сифатҳои баланди ахлоқӣ, аз қабили масъулиятшиносӣ, ростқавлӣ, қобилияти кор дар даста ва эҳтиром ба ҳамкоронро аз мутахассисон талаб мекунанд. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар ҷараёни таҳсил, аз ҷумла дар дарсҳои забони англисӣ, ба ташаккули чунин сифатҳо мусоидат намуда, рақобатпазирии хатмкунандагонро дар бозори меҳнат афзоиш медиҳад.

Аз ин рӯ, сармоягузорӣ дар тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи маънавиёт ва ахлоқи ҳамида дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ барои таъминиояндаи дурахшони наслҳои оянда муҳим аст.

Хулоса, мавзуи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ муҳим ва мубрам арзёбӣ шуда, он ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, дар тарбияи насли ҷавони ояндасоз саҳм гузошта метавонад.

Бинобар ин, таҳқиқи мавзуи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ дар шароити муосир имкон медиҳад, ки роҳҳои самарабахши такмили раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар таълими фанни забони англисӣ муайян карда шаванд. Ин таҳқиқот метавонад барои таҳияи маводи таълимӣ-методӣ, тавсияҳои амалӣ ба омӯзгорон ва барномаҳои таълимӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии ҳама зинаҳои таҳсилот саҳми муносиб гузорад.

Дар ин росто, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки то имрӯз масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ ба таври бояду шояд ва мукаммал аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашуда, масъалаи мазкур ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Бино бар ин, иқдому ибтикори довталаб дар мавриди ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст. Дар баробари

ин, мушикфона онҳоро арзёбӣ карда, андешау мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи роҳу усулҳои дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ пешниҳодкардаи довталабро тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти диссертатсионии аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст. Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Қурбонзода Н.Қ. арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ оид ба дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ пажӯҳиши мукаммал анҷом додааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ Қурбонзода Н.Қ. бо такя ба андешаҳои олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ҳамчунин, бо истифода аз назарияҳои педагогӣ ва психологӣ, нишон медиҳад, ки чӣ гуна дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ метавон сифатҳои маънавию ахлоқии донишҷӯёнро ташаккул дод.

Арзиши амалии таҳқиқоти Қурбонзода Н.Қ. дар он аст, ки натиҷаҳои онро дар раванди таълиму тарбия дар ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин аст. Муаллиф, дар асоси таҳлилҳо, тавсияҳои мушаххасро оид ба интихоби асарҳо ва методҳои таълими онҳо пешниҳод намудааст, ки ба омӯзгорон дар тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён ёрӣ мерасонанд.

Хулоса, таҳқиқоти Қурбонзода Навбаҳор дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ саҳми арзандае дар илми педагогикаи тоҷик мегузорад. Натиҷаҳои он метавонанд дар ғанӣ гардонидани методикаи таълими насли бомаърифат истифода шаванд. Таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқон, омӯзгорон ва доираи васеи хонандагон манбаи муфид буда метавонад.

Мутанона изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиякардаи довталаб такмили раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ таъмин хоҳанд кард.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳорро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи мо, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, мuхтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашриёҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ" ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои педагогӣ,
мушовири ректори Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода Маҳмадулло

"Имзои Раҷбзода Маҳмадуллоро тасдиқ мекунам"

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насруддинзода А.Н.

«2». 04. соли 2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33
Тел.: +992 (37) 224-17-86; 372-24-17-86
Сомона: https://www.apa.tj/; E-mail: info@apa.tj